Ба шурои диссертатсионии 6D.KOA-048
назди Донишгоҳи давлатии Бохтар ба
номи Носири Хусрав
(735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти
Хатлон, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67)

ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

ба диссертатсияи Ғуломов Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Мазмун ва хусусиятҳои педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълими веб-дизайнерҳои оянда» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 – Информатика (6D011102 – Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ))

1. Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ

Таҳқиқоти диссертатсионии Ғуломов Суҳроб Рустамович ба ҳалли яке аз масъалаҳои калидӣ ва мубрами педагогикаи муосири касбӣ ва методикаи таълими информатика - коркарди асосҳои назариявӣ, методологӣ ва технологии истифодаи маҷмуии технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ (ТИК) ва муҳитҳои рақамии таълимӣ дар раванди омодасозии касбии веб-дизайнерони оянда дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) бахшида шудааст.

Таҳлили ҳамаҷонибаи матни диссертатсия ва автореферат нишон медиҳад, ки мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, муҳтаво ва натиҷаҳои бадастомадаи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 6D011100 - Информатика (6D011102 - Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) пурра мувофиқат менамоянд. Аз ҷумла, муҳтавои кор бевосита бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси мазкурро фаро мегирад:

Банди 3: Назарияи таҷрибаи пешқадами таълим ва тарбияи информатика - дар кор таҷрибаи пешқадами ватанӣ ва хориҷии истифодаи платформаҳои рақамии таълимӣ (Moodle, Google Classroom, GitHub) ва абзорҳои тарроҳии муосир дар омодасозии мутахассисони соҳаи веб-технологияҳо ҷамъбаст ва низомнок гардидааст;

Банди 4: Таҳқиқоти муқоисавии назария ва методикаи таълими информатика дар системаҳои гуногуни педагогӣ - вазъи омӯзиши веб-дизайн дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муқоиса бо тамоюлҳои муосири ҷаҳонӣ ва дар мисоли ду муассисаи гуногунсамт (Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон) мавриди таҳлили муқоисавӣ қарор гирифтааст;

Банди 8: Назария ва амалияи коркарди стандартҳои давлатии таълими зинаҳо ва соҳаҳои гуногуни таълими информатика - муаллиф талаботи воқеии бозори меҳнатро ба салоҳиятҳои касбии веб-дизайнерҳо муайян намуда, роҳҳои такмили мазмуни барномаҳои таълимӣ ва стандартҳои

соҳавиро бо ворид сохтани технологияҳои HTML5, CSS3, JavaScript ва барномаҳои Figma, Adobe Photoshop ва CorelDRAW асоснок кардааст;

Банди 20: Масъалаҳои коркарди системаҳои методии нави таълим ва тарбия аз информатика мутобиқ ба самтҳои рӯзмарраи информатикунонӣ ва навгонии таълими ватанӣ - муаллиф амсилаи педагогии омодасозии веб-дизайнерҳо, методикаҳои «Тартиби таълимии интерактивии веб-дизайн», «Омӯзиши мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои веб-дизайн» ва веб-барномаи махсуси омӯзиширо таҳия ва дар амалия ҷорӣ намудааст.

Ҳамин тариқ, самти пажуҳиш ва натиҷаҳои илмии бадастовардаи довталаб ба талаботи шиносномаи ихтисоси мазкур комилан созгор мебошанд.

2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ

Мубрамияти диссертатсияи С.Р. Ғуломов бо дигаргуниҳои амиқи иҷтимоию иқтисодӣ, рақамигардонии босуръати тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва сиёсати стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ аз 28 декабри соли 2024 рушди инфрасохтори рақамӣ ва инноватсияро самти афзалиятнок эълон намуда, солҳои 2025-2030-ро «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» пешниҳод карданд. Дар баробари ин, татбиқи ҳадафҳои «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» (2020-2040) ва «Барномаи миёнамуҳлати рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2026-2030» омодасозии кадрҳои баландихтисоси соҳаи технологияҳои иттилоотиро ба вазифаи аввалиндараҷаи низоми таҳсилоти олии касбӣ табдил додааст.

Дар шароити муосир, веб-дизайн ҳамчун нуқтаи пайванди технологияҳои барномасозӣ, графикаи компютерӣ, эргономикаи интерфейс (UI/UX) ва коммуникатсияи рақамӣ мавқеи марказӣ дорад. Бо вуҷуди афзоиши рӯзафзуни талаботи бозори меҳнат ба мутахассисони соҳаи веб-дизайн, таҳлили вазъи воқеии таълим дар МТОК-и ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки раванди анъанавии таълим ба чандин мушкилот, аз қабили назариявии маҳз будани барномаҳои таълимӣ, кофӣ набудани ҳамгироии фанҳои техникӣ ва эҷодӣ, норасоии воситаҳои интерактивӣ ва платформаҳои махсуси омӯзишӣ рӯбарӯ мебошад.

Аз ин лиҳоз, зарурати илман асоснок намудани мазмун ва хусусиятҳои педагогии истифодаи ТИК, таҳияи методикаи ба амалия ва фаъолияти лоиҳавӣ нигаронидашуда, инчунин сохтани веб-барномаи махсуси омӯзишӣ барои тайёр кардани веб-дизайнерони рақобатпазир мубрамияти баланди назариявӣ ва амалии диссертатсияи мавриди назарро ба таври возеҳ собит месозад.

3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳо дар диссертатсия ва нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд

Навгонии илмии таҳқиқоти С.Р. Ғуломов дар он зоҳир мегардад, ки бори нахуст дар илми педагогикаи ватанӣ масъалаи омодасозии касбии веб-

дизайнерони оянда дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо аз дидгоҳи техникӣ ё рассомӣ-графикӣ, балки ҳамчун низоми ягонаи педагогию технологӣ дар асоси ҳамгироии мақсадноки ТИК таҳқиқ гардидааст. Муҳимтарин натиҷаҳои нави илмии диссертатсия инҳоянд:

1. Заминаҳои консептуалӣ ва амсиласозӣ: Заминаҳо ва хусусиятҳои рушди низоми таълими касбии веб-дизайнерҳо дар шароити ҷаҳонишавии рақамӣ мушаххас гардида, амсилаи педагогии омодасозии касбии онҳо таҳия шудааст, ки ба мутобиқшавии раванди таълим ба хусусиятҳои инфиродии донишҷӯён ва фардикунонии таҳсил тавассути ТИК мусоидат менамояд.

2. Муайянсозии хусусиятҳои педагогӣ ва методологӣ: Хусусиятҳои махсуси дидактикӣ ва методологии истифодаи ТИК дар омодасозии веб-дизайнерон (ҳамгироии сегонаи бунёдии HTML, CSS ва JavaScript бо абзорҳои тарроҳии графикӣ ва прототипсозӣ ба монанди Figma, Adobe Photoshop, CorelDRAW) ошкор карда шудаанд.

3. Коркарди методикаҳои инноватсионӣ: Методикаҳои махсуси «Тартиби таълимии интерактивии веб-дизайн» ва «Омӯзиши мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои веб-дизайн» таҳия шудаанд, ки фаъолияти донишҷӯёнро аз қабули пассиви маълумот ба иҷрои лоиҳаҳои воқеии касбӣ, кори гурӯҳӣ ва ҳамкории интерактивӣ равона месозанд.

4. Таҳияи абзори рақамии таълимӣ: Веб-барномаи махсуси омӯзишӣ сохта ва дар раванди таълим татбиқ гардидааст, ки муҳити ягонаи рақамиро барои омӯзиши абзорҳои графикӣ (Моушн дизайн, Photoshop, CorelDraw, Figma) ва забонҳои веб-барномасозӣ (HTML, CSS, JavaScript), худомӯзӣ ва назорати автоматикунонидашудаи дониш таъмин мекунад.

Нуктаҳои илмие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мантиқан ба ҳам алоқаманд буда, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқотро пурра инъикос менамоянд:

- нуктаи якум ба исботи зарурати истифодаи маҷмуии ТИК ҳамчун низоми ягонаи педагогӣ ва ҳамгироии муҳити рақамии таълим бо воситаҳои лоиҳакашии веб барои баланд бардоштани рақобатпазирии хатмкунандагон бахшида шудааст;

- нуктаи дуюм самаранокии методикаҳои таҳияшудаи «Тартиби таълимии интерактивии веб-дизайн» ва «Омӯзиши мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои веб-дизайн»-ро дар ташаккули мустақилият, ҳамкории даставӣ ва малакаҳои лоиҳакашии донишҷӯён асоснок мекунад;

- нуктаи сеюм арзиши дидактикии веб-барномаи махсуси омӯзиширо ҳамчун муҳити ягонаи рақамӣ барои худомӯзӣ, назорати автоматикунонидашуда ва ташаккули фарҳанги рақамии донишҷӯён собит месозад;

- нуктаи чорум натиҷаҳои озмоишҳои педагогиро дар ду МТОК-и кишвар ҷамъбаст намуда, самаранокии амсилаи пешниҳодшударо дар афзоиши донишҳои назариявӣ, малакаҳои амалӣ ва ҳавасмандии донишҷӯён тасдиқ менамояд.

Ҳар як нуктаи ба ҳимоя пешниҳодшуда дорои асоснокии кофии назариявӣ ва тасдиқи таҷрибавӣ мебошад.

4. Асосноки ва эътимоднокии хулосаю тавсияҳои дар диссертатсия ифодаёфта

Асосноки ва эътимоднокии муқаррарот, хулосаҳо ва тавсияҳои илмии диссертатсия тавассути омилҳои зерин таъмин гардидааст:

-заминаи васеи методологӣ ва назариявӣ: Муаллиф ба дастовардҳои муосири дидактика, педагогикаи касбӣ, назарияи омӯзиши фаъол, коннективизм, назарияи сохтори когнитивӣ, равишҳои системавӣ ва ба шахсият нигаронидашуда такя кардааст. Дар таҳқиқот 196 номгӯйи адабиёти илмию методии ватанӣ ва хориҷӣ (аз ҷумла асарҳои олимони тоҷик Ф.С. Комилиён, М.Ф. Абдукаримов, Р.С. Назарзода, Р.Н. Одинаев, М.К. Арабов, М. Нугмонов, А.П. Назаров, С.Ҳ. Мирзоев ва муҳаққиқони хориҷӣ Д. Дакетт, С. Круг, Я. Нилсен, Н.С. Власова, Д. Кирсанов, А. Лебедев) мавриди таҳлили интиқодӣ ва истифодаи эҷодӣ қарор гирифтаанд.

-маҷмуи мутаносиби методҳои таҳқиқот: Дар кор усулҳои таҳлили назариявӣ, муқоисавӣ, амсиласозӣ, пурсишҳои анкетавӣ, мусоҳиба, мушоҳидаи педагогӣ, озмоиши педагогӣ ва коркарди омории маълумот ба таври ҳамоҳанг истифода шудаанд.

-пойгоҳи воқеии таҷрибавӣ ва миқёси фарогирӣ: Озмоишҳои педагогӣ дар давоми солҳои 2021-2025 (дар се марҳилаи пайдарпай) дар заминаи ду муассисаи бонуфузи таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ - Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон бо фарогирии 84 нафар донишҷӯ (дар 4 гурӯҳ: курсҳои 3-юм ва 4-ум) ва 18 нафар омӯзгор гузаронида шудаанд.

-санадҳои расмии татбиқ: Натиҷаҳои таҳқиқот дар раванди таълими муассисаҳои номбурда ворид карда шуда, эътимоднокии онҳо бо санадҳои расмии татбиқ тасдиқ гардидаанд.

5. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия

Диссертатсия дорои сохтори мантиқӣ, пайдарпайии илмӣ ва ҳамоҳангии дохилӣ буда, аз номгӯйи ихтисораҳо ва аломатҳои шартӣ, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб (8 зербоб), хулосаҳои пас аз ҳар боб, хулосаҳои ниҳоӣ (натиҷаҳои асосии илмӣ ва тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо) ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 193 саҳифаи матни компютериро ташкил медиҳад. Дар он 24 расму диаграмма, 12 ҷадвал ва 196 манбаи илмӣ ҷой дода шудааст.

Дар муқаддима мубрамияти мавзуи таҳқиқот бо такя ба сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди иқтисоди рақамӣ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала дар адабиёти ватанию хориҷӣ баррасӣ шуда, робитаи таҳқиқот бо барномаҳои давлатӣ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, фарзия, марҳилаҳо, асосҳои назариявию методологӣ, заминаҳои эмпирикӣ, пойгоҳи таҳқиқот, навгонии илмӣ, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ, дараҷаи эътимоднокӣ,

мутобиқат ба шиносномаи ихтисос, саҳми шахсии довталаб, тасвиб ва интишорот ба таври возеҳ муайян карда шудаанд.

Дар боби якум - «Асосҳои назариявӣ ва методологии омодасозии касбии веб-дизайнерон дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ», ки аз се фасл иборат аст, ҷанбаҳои бунёдии назариявӣ ва вазъи воқеии масъала таҳлил гардидаанд:

- дар фасли 1.1 моҳият, мафҳум ва хусусиятҳои рушди низоми таълими касбии веб-дизайнерҳо дар шароити ҷаҳонишавии технологияҳои иттилоотӣ баррасӣ шуда, синтези ҷанбаҳои техникӣ, эҷодӣ ва лоиҳакашӣ дар касби веб-дизайнер исбот карда шудааст. Муаллиф заминаҳо ва хусусиятҳои рушди ин низомро дар шакли нақшаи сохторӣ нишон додааст;

- дар фасли 1.2 асосҳои назариявӣ ва амалии ҷорӣ намудани платформаҳои таълимӣ (Moodle, Blackboard, Google Classroom, GitHub) ва муҳитҳои кории виртуалӣ дар раванди таълими веб-дизайн таҳқиқ шудаанд. Муаллиф назарияҳои асосии педагогӣ - омӯзиши фаъол, коннективизм ва сохтори когнитивиро муқоиса намуда, татбиқи онҳоро дар муҳити виртуалии веб-дизайн мушаххас сохтааст;

- дар фасли 1.3 вазъи муосири омӯзиши веб-дизайн дар МТОК-и Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мисоли ихтисосҳои марбутаи Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, мушкилоту маҳдудиятҳои мавҷуда (норасоии таҷҳизот, назариявӣ будани барномаҳо, дастрасии маҳдуд ба платформаҳои виртуалӣ) ва фурсатҳои рушди соҳа муайян карда шудаанд.

Дар боби дуюм - «Методика ва хусусиятҳои педагогии омодасозии веб-дизайнерони оянда бо истифода аз ТИК», ки се фаслро дар бар мегирад, масъалаҳои методӣ ва технологии таҳқиқот ҳаллу фасл шудаанд:

- дар фасли 2.1 нармафзорҳои муосири соҳавӣ таҳлил ва ба се гурӯҳи асосӣ тақсим карда шудаанд: 1) нармафзорҳои таҳияи веб (HTML, CSS, JavaScript, Python, Django); 2) нармафзорҳои дизайни графикӣ ва прототипсозӣ (Figma, Adobe Photoshop, CorelDRAW, Adobe Illustrator, Adobe Dreamweaver); 3) нармафзорҳои идоракунии мундариҷа ва пойгоҳи додаҳо (PHP, MySQL, Joomla, WordPress, Oracle). Ҳамгироии HTML, CSS ва JavaScript ҳамчун сегонаи бунёдии таълими лоиҳавӣ асоснок гардидааст;

- дар фасли 2.2 методикаи муаллифии «Тартиби таълимии интерактивии веб-дизайн» коркард ва пешниҳод шудааст, ки марҳилаҳои таҳлил, сохтани прототип, иҷрои лоиҳа, таҳия ва озмоиш, баррасии натиҷаҳо, омӯзиш дар гурӯҳ ва тамос бо мизоҷро фаро мегирад;

- дар фасли 2.3 методҳои таҷрибавӣ ва воситаҳои рақамии рушди омодагии касбии донишҷӯён, аз ҷумла методи лоиҳавӣ, кор дар лабораторияҳои ТИК, истифодаи системаҳои идоракунии версияҳо (Git ва GitHub) ва усулҳои баҳодиҳии натиҷаҳои амалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Дар боби сеюм - «Самаранокии веб-барномаи омӯзишӣ ва таҳлили озмоишҳои педагогӣ», ки аз ду фасл иборат аст, натиҷаҳои амалӣ ва таҷрибавии кор оварда шудаанд:

- дар фасли 3.1 амсилаи консептуалӣ, сохтор ва равзанаи асосии веб-барномаи махсуси омӯзишии таҳиянамудаи муаллиф муаррифӣ шудааст, ки бахшҳои тарроҳии графикӣ (Figma, UX, Моушн дизайн, Photoshop, CorelDraw) ва веб-барномасозиро (HTML, CSS, JavaScript) дар муҳити ягонаи интерактивӣ муттаҳид месозад;

- дар фасли 3.2 раванд ва натиҷаҳои озмоишҳои педагогӣ дар курсҳои 3-юм ва 4-уми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон таҳлил гардидаанд. Нишондиҳандаҳои оморӣ динамикаи баланди мусбатро собит мекунанд:

- дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (курси 3): дониши назариявӣ аз 60% то 85% (+25%), малакаҳои амалӣ аз 55% то 82% (+27%), ҳавасмандӣ аз 65% то 88% (+23%) афзудааст;

- дар Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (курси 4): дониши назариявӣ аз 62% то 87% (+25%), малакаҳои амалӣ аз 57% то 85% (+28%), ҳавасмандӣ аз 63% то 90% (+27%) боло рафтааст;

- дар Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон (курси 3): дониши назариявӣ аз 58% то 84% (+26%), малакаҳои амалӣ аз 53% то 80% (+27%), ҳавасмандӣ аз 62% то 87% (+25%) афзоиш ёфтааст;

- дар Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон (курси 4): дониши назариявӣ аз 61% то 86% (+25%), малакаҳои амалӣ аз 56% то 83% (+27%), ҳавасмандӣ аз 66% то 89% (+23%) беҳтар шудааст.

Дар бахши «Хулосаҳо» натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия (дар 6 банд) ва тавсияҳои мушаххаси амалӣ оид ба истифодаи натиҷаҳо (дар 7 банд), инчунин дурнамои пажуҳишҳои минбаъдаи илмӣ (татбиқи зеҳни сунъӣ ва нейрошабакаҳо, геймификатсия, баҳодиҳии психологӣ-педагогии тафаккури креативӣ ва мактабҳои рақамии фрилансинг) ба таври возеҳ ва ҷамъбастӣ баён ёфтаанд.

6. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии диссертатсия

Аҳаммияти илмии (назариявии) таҳқиқот дар он аст, ки он консепсияи педагогикаи касбӣ ва методикаи таълими информатикаро бо асосҳои назариявӣ ва методологии ташаккули салоҳиятҳои касбии веб-дизайнерҳо дар муҳити таълимии рақамӣ ғанӣ мегардонад. Амсилаи педагогӣ ва принсипҳои ҳамгироии воситаҳои лоиҳакашии графикӣ ва барномасозӣ метавонанд барои рушди минбаъдаи дидактикаи рақамӣ ҳамчун заминаи назариявӣ хизмат кунанд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки методикаҳои пешниҳодшуда «Тартиби таълимии интерактивии веб-дизайн», «Омӯзиши мобилӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ барои веб-дизайн» ва веб-барномаи махсуси омӯзишӣ метавонанд бевосита дар раванди таълими донишҷӯёни ихтисосҳои «Веб-дизайн ва графикаи компютерӣ», «Информатика»,

«Технологияҳои иттилоотӣ», инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорон ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ истифода шаванд.

Аҳаммияти иқтисодӣ ва иҷтимоии таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки татбиқи натиҷаҳои он ба омодасозии кадрҳои рақобатпазири соҳаи IT мусоидат намуда, имкониятҳои шуғли ҷавононро дар бозори дохилӣ ва байналмилалии меҳнат (аз ҷумла тавассути фрилансинг ва содироти хизматрасониҳои рақамӣ) васеъ месозад ва ба татбиқи ҳадафҳои рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон саҳми воқеӣ мегузорад.

7. Нашри натиҷаҳои таҳқиқот аз рӯйи мавзуи диссертатсия

Муҳтаво ва натиҷаҳои асосии диссертатсия дар 12 интишороти илмии муаллиф пурра инъикос ёфтаанд, ки аз ин шумора 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Феҳристи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон («Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ», «Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав», «Паёми Пажӯҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон») ва 7 мақолаи дигар дар маводди конференсияҳои илмии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ба табъ расидаанд. Нашрияҳои мазкур тамоми марҳилаҳои таҳқиқот, амсиласозии педагогӣ, методикаҳои коркардшуда ва натиҷаҳои озмоишҳои педагогиро фаро мегиранд.

8. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботи муқаррарагардида

Барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати он ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Автореферат, ки дар ҳаҷми муқарраршуда ба забонҳои тоҷикӣ ва русӣ таҳия гардидааст, ба маълумоти дохилии диссертатсия пурра мутобиқ буда, муҳтавои асосӣ, муқаррароти нав, натиҷаҳои озмоишӣ ва хулосаҳои онро дақиқ инъикос мекунад.

Эродҳо ва мулоҳизаҳои баҳсталаб

Бо вуҷуди баҳои мусбате, ки дар тақриз баён гардид, дар диссертатсияи мазкур баъзе камбудиҳо, ҳолатҳои баҳсталаб, ғалатҳои оморӣ ва имлои грамматикӣ ҷой доранд, ки дар байни онҳо ҳолатҳои зеринро метавон ҷудо намуд:

1. Дар тавсифи техникии веб-барномаи омӯзишӣ муаллиф сохтор, вазифаҳо ва равзанаҳои кории веб-барномаи омӯзиширо муфассал шарҳ додааст, вале сохтори серверӣ, масъалаҳои ҳифзи маълумоти корбарон ва талаботи техникии ҷойгиркунии он дар шабакаи локалии МТОК ё интернет метавонистанд бо ҷузъиёти бештар инъикос ёбанд;

2. Дар қисмати муқаддима ва вазифаҳои таҳқиқот, дар банди 4-уми «Вазифаҳои таҳқиқот» ибораи «Ба даст овардани донишу малакаҳои зарурӣ барои тайёр кардани веб-дизайнерҳое, ки ба талабот ва шароити бозори меҳнат ҷавобгӯ мебошанд» оварда шудааст, ки беҳтар мебуд аз нигоҳи услуби илмӣ-педагогӣ ба шакли «Муайян намудани маҷмуи донишу малакаҳо ва салоҳиятҳои касбии зарурӣ...» таҳрир мегардид;

3. Дар матни диссертатсия ва автореферат баъзе саҳвҳои хурди техникӣ, номувофиқии ҳуруфчинӣ ва ғалатҳои ҷузъии имлоиву услубӣ ба назар мерасанд (масалан, дар нақшаи расми 8-и диссертатсия ва расми 4-и автореферат ба ҷойи «Photoshop» шакли «Fotoshop» чоп шудааст; дар рӯйхати ихтисораҳо дар саҳ. 3-и диссертатсия шарҳи «UI» ва «UX» баръакс омадааст).

Эродҳо ва камбудиҳои зикршуда, дар маҷмуъ, аҳаммияти назарию амалии диссертатсияи мазкурро коҳиш надода, ба муҳтавои кор ва арзиши илмии натиҷаҳои бадастомада таъсири манфӣ намерасонанд ва метавонанд аз ҷониби муаллиф дар раванди пажуҳишҳои минбаъда ба инобат гирифта шаванд.

Хулосаи ниҳоӣ

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ғуломов Суҳроб Рустамович дар мавзуи «Мазмун ва хусусиятҳои педагогии истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар таълими веб-дизайнерҳои оянда», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D011100 - Информатика (6D011102 - Назария ва технологияи таълими информатика (таҳсилоти касбӣ)) пешниҳод гардидааст, як таҳқиқоти мустақил, мукаммал ва анҷомёфтаи илмӣ буда, дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Диссертатсия ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пурра ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он - Ғуломов Суҳроб Рустамович барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси номбаршуда сазовор мебошад.

Муқарризи расмӣ:
номзади илмҳои педагогӣ,
муаллими калони кафедраи
информатикаи Донишгоҳи
миллии Тоҷикистон: Файзуллозода Фарҳод Раҷаб

14.11.2026

“Имзои Ф.Р. Файзуллозодаро тасдиқ мекунам”:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон: Шодихонзода Э.Ш.
14.11.2026

Суроғаи ҳуқуқии муассиса:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17
Тел.: (+992 -37) 221-62-25; (+992 -37) 227-15-10, E-mail: info@tnu.tj;
Сомонаи расмии муассиса: www.tnu.tj
«___» _____ соли 2026.